Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Дар рисолаи диссертатсионии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” яке аз проблемаҳои муҳими методикаи таълими забонҳои хориҷӣ – проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Падидаҳои тозаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажуҳиш ва стратегии такмил ва тадриси забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои олии педагогӣ руҷӯъ намуда, асосҳои илмӣ ва бунёдии проблемаи вобаста ба инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро дар пайвастагӣ бо истифода аз технологияҳои педагогии таълим ва омӯзиши касбии забони хориҷӣ роҳандозӣ кардааст.

Ба ақидаи муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар заминаи омӯзиши ҳам забон ва ҳам фарҳанги миллии соҳибони аслии забон дар пояи ҳамгироӣ-интегративӣ фароҳам оварда шавад, ниёзи муошират ва маърифатнокии донишҷӯёнро таъмин намояд. Дар марҳалаи байни оғоз ва анҷоми рисолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки технологияҳои интихоб кардаи педагогӣ ба фаъолиятмандии муҳассилин тавассути усули интерактивӣ ва

рушди малакаҳои забономӯзӣ дар партави ғановати фарҳангии сухангӯйӣ мусоидат кунад.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва аз тариқи озмоиш санҷидани модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ мебошад. Мувофиқи ин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳое муайян карда шудаанд, ки ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён мусоидат менамоянд: таҳлили назариявии проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ амалӣ карда шавад; мундариҷаи технологияҳои бозигие, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забонҳои хориҷиро пешбинӣ менамоянд, коркард карда шавад; модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълими факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард карда шавад; меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забони хориҷӣ дар шароитҳои таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шаванд; самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии таълими таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад ва ғайра.

Пайдарпаии татбиқи ҳадаф ва вазифаҳо ба сохтори диссертатсия созгор буда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Унвонҷӯй муаррифии кори худро ба асоснок кардани интихоби мавзӯъ, муайян кардани объекти таҳқиқот бахшидааст, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян мекунад, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ошкор менамояд.

Омӯзиши забони хориҷӣ (ЗХ) ва муоширaт бо он аз омӯзгор ва муҳассилин сарфи шиддати бузурги психикиро тақозо мекунад. Марбут ба ин, барои иҷрои муваффақонаи ҳамаи вазифаҳо ба вуҷуд овардани ангезаи мусбат муҳим аст. Омӯзгор зимни машғулият чунон шароитеро созмон медиҳад ва истифода мебарад, ки нисбат ба фан шавқу марoқ бедор созад. Он гоҳ муҳассилин бо майли хотир шуғл меварзанд ва дар азхудкунии ЗХ натиҷаҳои хуб ба даст меоранд.

Таре дар автореферати диссертатсия қайд гардидааст, таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳалқаи пайванди байни омодагии назариявии донишҷӯён ва кори мустақилонаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи умумӣ мебошад. Он ба ҳар донишҷӯ имкон медиҳад, ки ӯ на фақат дараҷаи азхудкунии сифатҳои касбии муҳим, балки инчунин маҳоратҳои лингвистиашро муайян созад. Дар назди муаллими оянда вазифаи амалан истифодабарии низоми донишҳо: оид ба сохтор, давраҳои асосии рушд ва нақши ЗХ дар ҷомеаи муосир; оид ба системаҳои фонетикӣ ва грамматикӣ, таркиби луғавӣ, хусусиятҳои услубӣ ва оид ба асосҳои тарҷума ҳамчун шабакаи муоширати байнизабонӣ ва байнифарҳангӣ; оид ба нақши ЗХ дар шароитҳои гуманитарикунонии таҳсилот; оид ба хусусиятҳои равобити байнифаннии ЗХ ва таъсири тарафайни он бо дигар соҳаҳои фаннӣ дар раванди фаъолияти таҳсилотӣ меистад.

Вобаста ба камбудиҳои рисолаи таҳқиқотӣ чунин норасоиҳоро номбар кардан мумкин аст:

1) Кадом омилҳо мусоидат намудаанд, ки донишҷӯён таҳсили худро дар кишварҳои Ғарб идома диҳанд?
2) Дар автореферати диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд

Вале камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Хушбахтона, унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии олимони ватанӣ, рус

ва кишварҳои дигар муваффақшуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо автореферати рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

Тавре муҳаққиқи рисола иброз медорад, таҳқиқоти дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида бори дигар нишон дод, ки ба амал татбиқгардонии технологияҳои педагогӣ ва муносибати муосири гуфтугӯӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мақсади таълимро пеш мениҳад, ки он ба ташаккули хусусиятҳои асосии шахсияти забонии дуюм, ки ба муоширати байнифарҳангӣ танҳо дар қаринаи гуфтугӯи фарҳангҳо қобилият дорад, асос меёбад. Ин ташаккули сифатҳои вижаи шахсиятро, ҳамчун таҳаммулпазирӣ, қобилияти ҳамрайъӣ, ҳисси масъулият барои рафторҳои худ, ҳисси ифтихор аз мероси фарҳангии халқи худ, дарки мансубияти худ ба ҷомеаи муайяни фарҳангӣ, хоҳиши аз хурофот раҳоӣ ёфтан, фаҳмидан ва пазируфтани фарҳанги ғайр бо ҳиссаи муайяни назари интиқодӣ, қобилият ва хоҳиши фаҳмидани умумият ва фарқияти фарҳанги худ ва фарҳанги кишвари забони мавриди омӯзиш, маҳорати пешгирӣ кардани низоъҳо ва ҳалли онҳо бо роҳи осоишта ва ҳоказо пешбинӣ мекунад.

Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи

ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи забони русии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Наврузова Гулшан Турсуновна

«Имзои н.и.п. дотсент, мудири
кафедраи забони русии ДДМИТ
Наврузова Г.Т.-ро тасдиқ менамоям»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Шарипов У.А.

23.01.2023 с.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,734067,кучаи Нахимов 64/14
Тел./Факс: (992 37) 231 02 01
Тел.: (992) 231 08 37, моб. 900900978
www.feil.tj